Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA–016-и назди
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
(734003, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 146,

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович дар мавзуи "Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод карда шудааст

Масъалаи муҳимми соҳаи кишоварзӣ ин сармоягузорӣ буда, мубрамияти диссертатсияро нишон медиҳад. Зеро, норасоии сармоягузориҳо, ба сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат оварда расонид. Ҳатто худи соҳибкорони соҳаи кишоварзӣ барои рушди хоҷагии деҳқонии хурд оқилона сармоягузорӣ менамоянд (С.3).

Диссертатсияи Абдуалимов Ф.Ҷ. ба ҳалли ин масъала равона карда шудааст.

Дар автореферати диссертатсия дуруст қайд шудааст, ки дар масъалаҳои илмӣ-назариявӣ оиди моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ ва сармоягузории кишоварзӣ фикрҳои мухталиф зиёданд. Хусусан нуқтаи назари мактабҳо ҷолиби диққат аст (С.10).

Дар ҷадвали 1. Хусусиятҳои фарқкунандаи сармоягузории кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт нишон додааст, ки барои рушди кишоварзӣ аҳамияти беандоза дорад (С.12).

Аҳаммияти илмии диссертатсияро гуруҳбандии омилҳои ба ҷолибияти сармоягузорӣ таъсиррасон дар соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳад (С.14).

Дар диссертатсия нишон дода шудааст,ки ҳиссаи хароҷотҳои буҷет ба соҳаи кишоварзӣ нисбат ба ҷамъи хароҷотҳо дар сатҳи 2,7-3,8% бошад ҳам, вале тамоюли афзоиш дорад. Дар ин давра ҳиссаи кишоварзӣ 1,1 банди фоизӣ зиёд шудааст (С.18).

Боби 3. «Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бахшида шудааст.

Новобаста аз он, ки диссертатсияи мазкур ҷанбаҳои зиёди бартариҳоро дорад, баъзе камбудиҳо низ ҷой дорад.

Чун тавсия барои оянда бояд гуфт, ки безарар ба мазмуни диссертатсия

миқдори вазифаҳои таҳқиқотро кам кардан мумкин мебошад.

Диссертатсия дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст.

Дар маҷмуъ бояд зикр кард, ки диссертатсияи Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович дар мавзуи "Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба талаботи бандҳои 10, 11, 12 ва 16-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

Тақризиҳанда: д.и.и. профессори
кафедраи назарияи иқтисодии МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Исмоилов М.М.

Имзои д.и.и. профессори кафедраи назарияи иқтисодии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Исмоилов М.М.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Сайдуллозода З.С.

09.02.2026

735700, ш.Хуҷанд, хиёбони
Мавлонбеков 1, тел: (+992) 92 775-67-55
E-mail: mamarahim@mail.ru.